ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 оид ба ҳимояи диссертатсияҳо ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D020100 - фалсафа ва 6D020600 - диншиносӣ дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Каримов Қадриддин Облобердиевич дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан-Жак Руссо ва Аҳмади Дониш» барои дарёфти дараҷаи илмии доктор (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафа (илмҳои фалсафӣ) пешниҳод шудааст.

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои фалсафа (09.00.03 - таърихи фалсафа), профессор Маҳмадова М.Ф. (раиси комиссия), доктори илмҳои фалсафа (09.00.03-таърихи фалсафа), профессор Зиёев И.Ғ. (аъзо) ва доктори илмҳои фалсафа, (09.00.11–фалсафаи иҷтимоӣ) профессор Солиҷонов Р. (аъзо) диссертатсияи Каримов Қадриддин Облобердиевичро дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан-Жак Руссо ва Аҳмади Дониш» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100–фалсафа ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳод шудааст, мавриди ташхис қарор дода, муайян намуд, ки:

1. Мавзуи мавриди таҳқиқи диссертатсионӣ қароргирифта яке аз масъалаҳои муҳими соҳаи таърихи фалсафа ба ҳисоб меравад. Таҳлили муқоисавии андеша ва таълимоти матафаккирони ғарбиву шарқӣ дар замони муосир мубрамияти тоза касб намудааст. Чунин тарзи таҳқиқ имконият медиҳад, ки ҳамоҳангӣ ва тафовути ҷаҳонбинии шарқиву ғарбӣ муайян гардида, арзиши андешаҳои мутафаккирони мавриди таҳқиқ қароргирифта муайян карда шавад. Аз ҷониби дигар, усули муқоисавии таҳқиқ дар илмҳои фалсафӣ боиси баҳогузории воқеӣ ба масъалаи таҳқиқшаванда мегардад. Каримов Қ.О. усули зикргардидаро мувофиқи мақсад истифода намуда, тамоми қисматҳои кори илмии худро ҷамъбаст кардааст.

Диссертатсияи Каримов Қ.О. фарогири масоили муҳимтарини фалсафию иҷтимоӣ буда, дар асоси таълимоти Жан-Жак Руссо ва Аҳмади Дониш анҷом дода шудааст. Диссертант тавонистааст тавассути далелҳои муътамади илмӣ муҳимияти мавзуи таҳқиқи худро исбот намояд.

Бо назардошти андешаҳои баёнгардида комиссияи ташхисӣ ба хулосае омад, ки диссертатсияи Каримов Қ.О.-ро дорои аҳамияти илмию назариявӣ баҳогузорӣ намуда, бо андешаи муаллиф дар мавриди мубрамияти он мувофиқ бошад.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Муаллиф тавонистааст, ки диссертатсияи худро тариқи сохтори дуруст таҳия намуда, объект ва предмети

таҳқиқро дар алоқамандӣ бо мавзуъ, вазифаҳои таҳқиқот дар ҳамбастагӣ бо ҳадаф ва ҷанбаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар асоси навгониҳои илмӣ муайян намуда, тавассути методологияи илмӣ-фалсафӣ онҳоро таҳлилу баррасӣ ва натиҷагирӣ намояд. Равиши пайдарҳамии мантиқии фикр дар ҳама қисматҳои диссертатсия мушоҳида шуда ва андешаҳои муаллиф асоснок мебошанд. Бо назардошти ҳамин хусусият, диссертатсияро кори илмии анҷомёфта ва дорои мазмуну мухтавои илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

3. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсияи пешниҳодшуда бо ихтисоси 6D020100–фалсафа, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2022, №38) ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамчунин, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми ноябри соли 2017 таҳти №5/2 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 4 мақолаҳои илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, инъикос ёфтаанд. Маводҳои чопшуда ба банди 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат менамоянд.

5. Дар диссертатсияи Каримов Қ.О. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё сарчашма мавҷуд набуда, ҳамаи манбаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки мувофиқ ба меъёрҳои муқарраргардида нисбат ба корҳои илмӣ ва аз риоя шудани банди 37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва ҳуҷҷатҳои дигари пешниҳоднамудаи Каримов Қ.О. маълумоти ғайрисаҳҳеҳ ба назар намерасад.

Комиссияи экспертӣ дар асоси талаботи банди 61-и «Низомномаи шурои диссертатсионӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Каримов Қадриддин Облобердиевич дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан-Жак Руссо ва Аҳмади Дониш» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100-фалсафа, ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия мутахассисони зерин таъйин карда шаванд:

- Раҳимов М.Ҳ. – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи илмҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ;

- Имомалиева Р.М. - номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода.

3. Пешниҳод карда мешавад, ки оид ба диссертатсияи Каримов Қ.О. ба сифати муассисаи пешбар Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода таъйин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат ба миқдори 100 нусха бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия:
доктори илмҳои фалсафа, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Маҳмадова М. Ф.

Аъзои комиссия:
доктори илмҳои фалсафа, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Зиёев И. Ғ.

доктори илмҳои фалсафа, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Солиҷонов Р.